**5.6.[07.00.00] ИЛМҲОИ ТАЪРИХ**
**5.6.[07.00.00] ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**5.6.[07.00.00] HISTORICAL SCIENCES**

**5.6.1. [07.00.02]** ТАЪРИХИ ВАТАН
**5.6.1. [07.00.02]** ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
**5.6.1. [07.00.02]** HOME HISTORY

*ТДУ 327.С*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-11-16*

## *АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ – ТАРБИЯТГАРИ ҶАВОНОНИ ЭҶОДКОР*

***Набизода Ваххоб Машраб,*** *д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик;* ***Қобилов Зафарҷон Закирович,*** *муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *АБДУЛАХАД КАХХОРОВ – ВОСПИТАТЕЛЬ ТВОРЧЕСКОЙ МОЛОДЕЖИ*

***Набизода Ваххоб Машраб,*** *д.и.н., профессор кафедры истории таджикского народа;* ***Кабилов Зафарджон Закирович,*** *ст. преподаватель кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ им. акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

## *ABDULAHAD QAHHOROV IS A CREATIVE YOUTH`S EDUCATOR*

***Nabizoda Vakhob Mashrab,*** *Dr. of History, Professor of the department of the history,* ***E-mail:*** *v.m.nabiev@mail.ru;* ***Qobilov Zafarjon Zakirovich*** *senior lecturer of the department of the history of the Tajik nation under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *zafarjonk79@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Абдулаҳад Қаҳҳоров, курс-конференсия, адибони ҷавон, тайёр кардани кадрҳо, ЭКСПО-67, ғамхорӣ ба ҷавонони эҷодкор, таъсиси ҷоизаи комсомол, истеъдоди фитрӣ*

*Дар мақола саҳми яке аз арбобони давлатии халқи тоҷик, Раиси Шӯрои Вазирони Абдулаҳад Қаҳҳоров дар тарбияи эҷодкорони ҷавон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бар асоси маводи муътамад ғамхории А.Қаҳҳоровро дар тайёр кардан ва тарбияи актёрон ва мутахассисони ҷавони соҳаи фарҳанги кишвар мавриди таҳлил қарор додаанд. Таваҷҷуҳи хоса ба таъсиси факултети санъат дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко ва сохтмони бинои нави Сирки давлатии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Тазаккур меравад, ки дар солҳои шастум ва ибтидои ҳафтодум Ҳукумати ҷумҳурӣ дар боби инкишофи адабиёт пайваста ғамхорӣ мекард. Қайд шудааст, ки бо дастгирии Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар соли 1966 КМ ИЛКҶ Тоҷикистон Ҷоизаи комсомолро дар соҳаи адабиёт ва санъат таъсис дода буд, ки навъе муроқибати давлату ҳукумати вақт ҷиҳати ғамхорӣ ва тарғиби истеъдодҳои ҷавони адабӣ ба ҳисоб мерафт.*

***Ключевые слова:*** *Абдулахад Каххоров, курс-конференция, молодые литераторы, подготовка кадров, ЭСКПО-67, забота о творческой молодёжи, учреждение комсомольской премии, врожденный талант*

*Рассматривается вклад Председателя Совета Министров Таджикской ССР Абдулахада Каххорова в воспитание творческой молодежи. Авторы на основе фактических материалов проанализировали роль Абдулахада Каххорова в подготовке и воспитании молодых актёров и специалистов сферы культуры. Особое внимание направляется освещению открытия факультета искусств в Душанбинском государственном педагогическом институте имени Т.Г.Шевеченко и строительства нового здания Цирка Таджикистана. Отмечается, что в 60-е — начале 70-х годов прошлого столетия Правительство республики постоянно заботилось о развитии литературы и молодых писателей. Примером такой поддержки является то, что благодаря поддержке Правительства Таджикской ССР в 1966 г. ЦК ЛКСМ Таджикистана учредил Премию комсомола в области литературы и искусства, которая считалась своего рода государственной опекой и заботой в деле развития литературных талантов молодёжи.*

***Key words:*** *Abduahad Qahkhorov, culture, preparation and education of young intelligent, young actors and playwrights, creative teams, cultural-educational establishments, theatrical art, support for writers, state awards*

*The article studies the Chairman of the Council of Ministers of the Tajik SSR Abdulahad Qahhorov`s contribution into creative youth`s education. Based on the factual materials the authors of the article conducted an analysis dealing with Abdulahad Qahkhorov`s concerns in young actors` and specialists` preparation and education in the field of culture. Particular attention is paid to cover of the establishment of the Faculty of Arts under Dushanbe State Pedagogical Institute named after T.G. Shevechenko and the construction of a new building of the Tajik Circus. It is noted that in the 60s and early 70s of the last century, the Government of the Republic constantly took care of the development of literature and young writers It is underscored that owing to the support of the Government of the Tajik SSR in 1966, the Central Committee of the Komsomolsk of Tajikistan (CCKT) established the Komsomolsk Prizes in the field of literature and art.*

Тамаддуни ҷаҳонӣ собит менамояд, ки номи ҳар як халқу миллат дар саҳифаҳои таърихи башар тавассути илму фарҳанг ва санъату ҳунари воломақомаш сабт мешавад.

Бузургии халқу миллат пеш аз ҳама бо он муайян ва маънидод карда мешавад, ки вай дар пешрафти илму тамаддуни олам чӣ саҳме гузоштааст ва ганҷи ба хазинаи ин тамаддун ворид кардааш чӣ гуна арзише дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми пардабардорӣ аз рӯи муҷассамаи Бобоҷон Ғафуров гуфта буд: «Бобоҷон Ғафуров пас аз Садриддин Айнӣ ягона шахсе буд, ки қувваҳои эҷодие чун Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Муҳаммад Осимӣ, роҳбароне чун Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров ва даҳҳо шахсиятҳои сиёсӣ ва фарҳангиро сарвару раҳнамо шуда, барои бақои давлати мо, забону фарҳанги бостонии мо ва шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани ин илму фарҳанг хидматҳои бебаҳо кардааст» [6, с.52].

Ин баҳои арзандаи Сарвари давлати тоҷикон нисбат ба ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров далели он аст, ки вай баҳри рушду нумӯи фарҳанг саҳми босазо гузоштааст. Инсони бомаърифату ватанпарвар Абдулаҳад Қаҳҳоров солҳои дар мансаби Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буданаш ба тарбияи ҷавонони лаёқатманд таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекард. Вай бо масъулияти амиқ дарк мекард, ки истеъдод мисли чашмаест, ки агар пеши роҳи онро накушоӣ, чашма дер ё зуд хушк мешавад. Айнан ҳамин тавр ҳар як истеъдодро монанди чашмае, ки мардуми ташналабро шодоб мегардонад, бояд тарбия, нигоҳубин, эҳтиёт кард ва барои инкишофи минбаъдаи вай шароити муносиб фароҳам овард.

Дар солҳои шастум ва ибтидои ҳафтодум Ҳукумати ҷумҳурӣ дар боби инкишофи адабиёт пайваста ғамхорӣ мекард. Ба дастгирии вай ҳар сол курс – конференсияҳо, мизҳои мудаввар, вохӯриҳо ва шабнишиниҳои адабӣ мегузашт, шоирону нависандагони ҷавонро ба сохтмонҳои зарбдор мефиристод, намояндагони арзандаи ононро бо ҷоизаҳо пешниҳод мекард.

Ба арсаи адабиёт ворид шудан шоирону нависандагони ҷавон Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Убайд Раҷаб, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуфҷон Акобиров, Ибод Файзуллоев, Гулназар Келдӣ ва дигарон аз пешрафти минбаъдаи эҷодӣ ва комёбиҳои нави адабиёти муосири тоҷик гувоҳӣ медод.

Бо ҳидояти Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон адибони тоҷик Лоиқ Шералӣ, Муҳиддин Хоҷаев, Ибод Файзуллоев, Гулрухсор Сафиева дар соли 1967 дар машварати Умумииттифоқии нависандагони ҷавон ширкат варзида аз лабораторияи эҷодии устодони каломи бадеӣ Николай Тихонов, Георгий Марков, Чингиз Айтматов воқиф гардида, бо ҳамсафони эҷодкорашон робитаҳои эҷодии дӯстона барпо карда буданд.

Саҳифаи дурахшони ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон Маҷлиси умумиҷумҳуриявии фаъолони ҷавонони эҷодкор (22 июни соли 1970) мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии А.Қаҳҳоров ба тайёр кардани кадрҳои боистеъдоди санъати театрӣ таваҷҷӯҳ ва дастгирӣ зоҳир мекард.

Дар ибтидои солҳои 60-ум ҳайати эҷодии Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С.Айниро гурӯҳи хатмкунандагони Омӯзишгоҳи хореографии Ленинград Малика Собирова, Музаффар Бурҳонов, Қурбон Холов ва дигарон пурра карданд.

Репертуари Театри академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ дар мавсими театрии солҳои 1961-1962 аз ҳисоби спектаклҳои дипломии хатмкунандагони студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии

санъати театрии ба номи А.В.Луначарский: «Шоҳ Гавазн»-и К.Готси, «Камбағалӣ айб нест»-и А.Н.Островский, «Ҷавоне аз шаҳри мо»-и К.Симонов ғанӣ гардонд.

30-юми августи соли 1963 КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ «Дар бораи вазъ ва чораҳои инкишофи минбаъдаи санъати касбии театр ва мусиқии ҶШС Тоҷикистон» қарор қабул намуданд, ки мувофиқи он таваҷҷӯҳи асосӣ ба тарбияи эҷодкорони ҷавон дода мешуд.

10-уми июни соли 1966 бошад КМ ҲК Тоҷикистон масъаларо «Дар бораи фаъолияти ташкилоти ҳизбии Театри академии драмавии Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутӣ бо актёрони ҷавон» мавриди муҳокима қарор дод.

Дар партави санадҳои мазкур Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон солҳои 1966 ва 1971 ба студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В.Луначарский як гурӯҳ ҷавонони лаёқатманд – Даврон Алиматов, Дилбар Умарова, Гулсара Абдуллоева, Раҷабгул Қосимова, Зафар Ҷаводов, Қурбон Ҳомидов, Абдуҳофиз Қодиров ва дигаронро сафарбар намуд.

Абдулаҳад Қаҳҳоров барои сохтмони биноҳои фарҳангию таъсиси муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекард. Масалан, барои сохтани бинои нави Сирки заҳматҳои зиёд кашид. Ду маротиба маблағҳои барои сохтмони Сирк ҷудогардида бо сабабҳои узрнок истифода карда нашуд.

Абдулаҳад Қаҳҳоров бо мақсади ҳал кардани масъалаи сохтмони Сирк бори дигар муовини худ Мағфират Каримоваро ба Москва фиристод. “Вазири маданияти СССР Екатерина Алексеевна Фурсева, - ёдоварӣ менамояд Мағфират Каримова, аз нав муовини худро даъват намуд. Оре, ӯ ин дафъа илтимос накард, балки фармуд, ки супориши ӯро иҷро кунад. Фурсева ин дафъа низ хеле асабӣ шуд, аммо муоширати шарқиёнаро риоя намуду каминаро бо қаҳва зиёфат кард ба ман рӯ оварда гуфт: “Ба мардуми серфарзанди тоҷик ҳақиқатан сирк даркор, хайр майлаш кӯмак мекунем, вале маблағро ин дафъа ҳам истифода бурда натавонед дигар ҷои гап намемонад”.

Сохтмони сирки нав дар Душанбе ин ғалабаи супориши Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳамчун сарвари Ҳукумати Тоҷикистон ва ман буд”[8].

Ибтидои солҳои 70-уми асри XX масъалаи таъсиси Донишкадаи санъат дар Душанбе ба миён омад. Боиси зикр аст, ки ҳанӯз соли 1967 бо дастгирии Абдулаҳад Қаҳҳоров дар назди Донишкадаи давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко факултети санъат кушода шуда буд.

«Дар яке аз ҷаласаҳои ҳукуматӣ, - менависад профессор Ҷонон Бобокалонова, - масъалаи таъсиси Институти санъати Тоҷикистон баромад. Ин масъаларо А.Қаҳҳоров ба зиммаи Мағфират Калоновна мегузоранд. Барои таъсиси ин донишкада дар Душанбе лозим буд, ки ҷои мувофиқ пайдо кунанд. Фикру мулоҳизаҳо дар ин бора ҳар хел буданд. Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Юсуфбеков ва вазири маорифи СССР нияти онро доштанд, ки Донишкадаи санъат дар ҳузури Вазорати маориф таъсис дода шавад. Вазири маданияти СССР Е.Фурсеева мехост, ки ин донишкада дар ҳузури Вазорати маданияти Тоҷикистон таъсис ёбад. Вазири мактабҳои олии СССР В.Елютин бошад ҷонибдори он ақида буд, ки донишкада дар назди вазорати онҳо бино ёбад.

Мағфират Калоновна дар ҳалли ин муаммои баҳсталаб низ фаъол ширкат варзид. Зеро ӯро А.Қаҳҳоров қатъӣ вазифадор карда буданд, ки ин масъала ба тезӣ ба таври мусбӣ ҳалли худро ёбад. Ӯ бо ҳидояти Раиси Шӯрои Вазирон А.Қаҳҳоров ба Маскав фиристода мешавад ва ба қабули Е.Фурсеева ва М.Прокофеев даромада масъаларо ба манфиати Вазорати маданияти Тоҷикистон мусбат ҳал намуд, ки Донишкадаи санъат дар назди мутахассисони соҳаи санъату маданият бояд бунёд гардад. Вазорати Идтифоқ ҳам ба қарор имзои худро гузоштанд, ки донишкада дар партави Вазорати маданияти ҷумҳурӣ бояд таъсис ёбад» [1, с.64-65].

Боиси зикр аст, ки ибтидои соли 1973 дар заминаи факултети санъати Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон таъсис ёфт.

Эҳтиром ба санъати миллӣ ва санъаткорони маъруфи тоҷик дар фаъолияти фарҳангии Абдулаҳад Қаҳҳоров назаррас мебошад.

Олим ва публитсист У.Ғаффоров менависад: “Аз сӯҳбатҳои шахсии ман бо як зумра арбобони санъат ба монанди шодравон Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Шарофиддин Сайфиддинов, фарзандони Абдулаҳад Қаҳҳоров – Наимахон ва

Абдурашид ва чанд нафарони дигар кардам, маълум мешавад, ки домулло Қаҳҳоров худро бе санъати мусиқӣ, бе «Шашмақом» тасаввур карда наметавонистаанд. Оре, оҳанги мавзун ва лаҳни гуворо ҳама давру замон инсонро мафтун кардааст. Чунки Худованд вуҷуди нозанини одамиро ҳассос бар ҳодисоти атроф офаридааст. Дар ин радиф, ӯ муассир аст ба ҳодисоти самъӣ, яъне он чизе, ки тариқи шунавоӣ нафси инсонро ба таҳаррук оварад. Одамӣ ва ба хусус Абдулаҳад Қаҳҳоров барин инсонҳои шариф тариқи шунавоӣ олам-олам маънӣ мебардоштанд». Дар асл А.Қаҳҳоров на фақат дилдодаву мухлиси ашадии мусиқӣ, балки танбӯрнавозу дуторнавоз низ буд[3, с.168-169].

Таърих гувоҳ аст, ки роҳбарони маърифатпарвару фарҳангдӯсти тоҷик дар ҳар давру замон бахри дарёфт кардани санъаткорони соҳибистеъдод кӯшиш намуда, онҳоро бахри ба маркази мамлакат омадан ҳидоят мекарданд. Аз ҷумла бо дастгирӣ ва мадади бевоситаи Абдулаҳад Қаҳҳоров яке аз ҳофизони машҳур, устоди шашмақомхонон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов ба шаҳри Душанбе омада, дар ташкили Ансамбли шашмақомхонони назди телевизион ва радиои тоҷик дар қатори устодони беҳамто Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов, Барно Исҳоқова саҳми калон бозид[3,с.170].

Дар маҷмӯи “Дилҳои пурошӯб” мақолаи Абдулаҳад Қаҳҳоров “Санъаткори забардаст” ҷой дода шуддаст, ки он ба яке азпоягузорони кинои тоҷик, Артисти халқии СССР, Қаҳрамони Меҳнати Сотсилаистӣ, Лауреати мукофоти давлатии СССР Комил Ёрматов бахшида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ибтидои солҳои 30-юм “Тоҷикфилм” бо мутахассисони баландихтисос пурра гардид. Ба Сталинобод хатмкунандагони Донишкадаи давлатии умумииттифоқии кинематография (ВГИК), аъзоёни комсомол, коргардонҳо Комил Ёрматов, ВладимирХабур, сенариянавис Николай Рожков ва коргардони ҷавон Ғуломризо Баҳор омаданд.

Дар соли 1932 студияи “Тоҷикфилм” ба таҳияи дуюмин филми бадеӣ “Муҳоҷир” аз рӯи асари ҳамноми Г.А.Эл-Регистон оғоз кард. Коргардони ин филм шогирди устодони машҳури кинои шӯравӣ С.М.Эйзенштейн, В.Пудовкин, А.Кулешов – аввалин коргардони касбии тоҷик Комил Ёрматов буд. Дар таҳияи филми “Муҳоҷир” нахустин киноактрисаи ҷавони тоҷик София Тӯйбоева ширкат варзидааст.

Соли 1934 ин филм ба экран баромад ва вай нишон дод, ки кинематографистони тоҷик ба офаридани филмҳои калони бадеӣ қодир мебошанд. Филми “Муҳоҷир” филми беҳтарини кинематографистони тоҷики солҳои 1933-1935 эътироф гардид ва ақидаи Саридораи кинонамоишдиҳии СССР он филми пешбари Осиёи Миёна ҳисобида шуд.

Абдулаҳад Қаҳҳоров бо Комил Ёрматов муносибати ниҳоят дӯстона доштанд. Вай нуқтасанҷона ба филмҳои офаридаи Комил Ёрматов “Дӯстон боз вомехӯранд”, “Абӯалӣ ибни Сино”, “Алишер Навоӣ”, Тӯфон дар Осиё, “Сарбозони савораи инқилоб”, “Ҳалокати консули сиёҳ” ва дигарҳо баҳо диҳад баҳо медиҳад.

“Ҳар гоҳ ки бо Ёрматов вомехӯред, - навиштааст Абдулаҳад Қаҳҳоров, аз ҷӯшиши ғайрати ӯ дар ҳайрат мемонед. Ӯ дар ин рӯзҳо ҳам, ба сари сафед ва сероҷингии рӯяш нигоҳ накарда, бо мавзунии қоматаш, бо ҳаракатҳои низомиёнаи аз давраҳои ҷавониаш, иродаи матин ва мардонагӣ, бо вусъат ва амиқии нақшаҳои эҷодиаш ва бо монда нашуда онҳоро ба амал оварданаш касро ба ҳайрат меорад”[9].

Яке аз омилҳои асосии дар вуҷуди ҳар фарди тоҷик пайдо гардидану қувват гирифтани ҳисси ифтихори миллӣ низ маҳсули дар олам эътирофгардидаи заҳмати зеҳнию ақлонии фарзандони болаёқату соҳибистеъдоди миллаташ ба шумор меравад.

Ин ҷо сухан дар бораи ғамхории падаронаи Абдулаҳад Қаҳҳоров нисбати эҷодкорони ҷавонон меравад. Моҳи майи соли 1967 дар рӯзи миллии Тоҷикистон дар намоишгоҳи «Экспо-67» ш.Монреал ҳайати вакилони тоҷикистонӣ бо роҳбарии Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Абдулаҳад Қаҳҳоров иштирок доштанд. Ба ҳайати вакилон ҳамчунин эҷодкорони ҷавони Тоҷикистон: Аҳмад Бобоқулов, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов, Гавҳар Мирҷумъаева, Рауф Азаматов низ шомил буданд. Як лаҳзаи хотирмонро ёдоварӣ намуда ходими намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Холмурод Шарифов менависад: «…Тақрибан соатҳои даҳи шаб дар ҳуҷраи А.Қаҳҳоров (меҳмонхонаи «Торонто»-и Канада. – В.Н., З.Қ.) чор ҳамватан – соҳибхона Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов ва камина сари дастархон нишаста бо иштиҳо шомхӯриро сар кардем. Соҳибхона бо табассуми ба худ хос гулӯ афшонда маҳин гуфт: «Шумоёнро ноҳоҳат-ку накардем? Гурусна хоб нараветон гуфта ба ин қарор омадем, ки таомро ба ҳам бинем. Боз кай чунин фурсат пайдо мешавад, ки ба сӯҳбати якдигар ва хусусан шумоён ҷавонони умедбахшамон мушарраф шавем… [10, с.143].

Сӯҳбату лафзи шакарбори пири ботадбир, инсони хирадманд Абдулаҳад Қаҳҳоров бо ҷавонони саодатманд, ки онҳо дар ҳалқаи заррини панди пири оқилу доно буданд, он лаҳзаҳо мубодилаи афкори тарафайн мисли шири сафеди ҷӯшида дам мезад…

Соҳибхона илова намуд: «Ҷӯрабек овозашро бояд ҳатман эҳтиёт кунад. Ҷӯрабек, Маҳмудҷон, Малика баринҳо аҳён-аҳён пайдо мешаванд. Бояд донед, ки истеъдоди нотакрори шумо танҳо шахсан ба худи Шумо мансуб нест, ин сарвати миллӣ аст. Ин масъулиятро ҳар лаҳза шахси соҳибистеъдод ӯҳдадор аст, ки ҳис кунад»…

Бояд ошкоро гӯям, ки ҳеҷ гоҳ А.Қаҳҳоровро ба монанди он шаб рӯҳбаланду чеҳракушод надида будам. Шеър мехонд, оҳангеро зам-зама мекард. Ҳам «меҳмонҳо» ҳам соҳибхона ба дараҷае қаноатманд буданд, ки «сӯҳбаташон» бо ибораи халқӣ гӯем «қаймоқ гирифта буд». Ҳам Ҷӯрабек, ҳам Маҳмудҷон чунон нотакрор ҳунарнамоӣ мекарданд, ки гӯё садои овози онҳо аз чашмаҳои софи кӯҳи сарбаланди тоҷик фаввора мезаданд. Шояд эътирофи дунёи дигар ҳам онҳоро ба ваҷд оварда буд [5].

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, шодравон Маҳмудҷон Воҳидов лаҳзаҳои нотакрори намоишгоҳи «Экспо-67»-ро бо тарзи зайл баён намудааст: «Дар соати муайян бо ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон ва рӯзноманигорони шаҳрӣ конференсияи матбуот барпо шуд. Ба саҳнаи толори консертӣ аъзоёни Ҳукумати Тоҷикистон дохил шуданд. Раиси Совети Вазирони Республика Абдулаҳад Қаҳҳоров, котиби КМ ПК Тоҷикистон Ибодат Раҳимова, президенти Академияи Фанҳои Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, вазири хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон А.Махсумов, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ Т.Имомалиев, Ю.Воронин, мутарҷимони мо А.Камолова ва И.Раҷабова дар президиум ҷой гирифтанд…

Вақте, ки сухани муқаддимавиро ба раиси мӯҳтарами мо (Абдулаҳад Қаҳҳоров. – В.Н., З.Қ.) доданд, барқи дастгоҳҳои аккосӣ беист шӯъла меафрӯхтанд ва рӯзноманигорон гӯш ба қимор омодаи суханони раис буданд.

Инак, каломи ширини тоҷикӣ дар ҳузури рӯзноманигорони дунё ба гӯшҳо танинандоз гардид. Садо ва маънии он лафзҳо ба ҳама дилнишин буд. Ахбори муфассал дар бораи Тоҷикистон барои аксар рӯзноманигорон тааҷҷубовар менамуд. Онҳо нобоварона гаштаву баргашта саволҳо медоданд. Раиси мӯҳтарами мо ба ҳамаи он саволҳо муфассал ҷавоб мегардонд…

Баъди анҷоми конференсияи матбуот консерт барпо гашт. Мо се нафар (Маҳмудҷон Воҳидов, Анобар Камолова, Ибарури Раҷабова – В.Н., З.Қ.) бори аввал ба саҳна баромадем ва бо суханони ҳазору садсолаи устод Рӯдакӣ консертро оғоз кардем:

***То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,***
***Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.***

Мақсади худро бо мисраъҳои Мирзо Турсунзода ифода намудем:

***Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,***
***Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.***

Дар байни ду забони маъруфи олам – забони англисӣ ва франсавӣ, ки ҳоло забони байналхалқӣ низ ба шумор меравад, забони модарии мо пешоҳанг буд ва баланд садо медод. Оҳангу садои форами ин забони бостонӣ, ки имрӯз дар саҳнаи бузург дар баробари забонҳои байналхалқӣ гӯшрас мешуд, ба шунавандагон писанд омад» [4, с.126-127].

Боиси зикр аст, ки Абдулаҳад Қаҳҳоров ба истеъдоди фитрии фарзандону наздиконаш низ ғамхорӣ мекард. Духтаронаш Назирахон ва Наимахон ровиёни доимии барномаҳои адабии радиои тоҷик буданд. Писараш Абдурашид хатмкунандаи Омӯзишгоҳи рассомии ҷумҳуриявӣ мебошад. Домодаш Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Орифшо Орифов роҳбари ансамбли эстрадии «Гулшан» буд.

Зиёиёни ҷавон ва эҷодкори тоҷик аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басе миннатдор аст. Маҳз бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соли 1966 КМ ЛКСМ Тоҷикистон Ҷоизаи комсомолро дар соҳаи адабиёт ва санъат таъсис дод. Раққосаи шӯҳратманди балети тоҷик Малика Собирова, ки ба истеъдоди фавқуллодааш ҷаҳон ва ҷаҳониён қарсак задаанду қоил шудаанд, аввалин лауреати мукофоти комсомолии Тоҷикистон буд. Актрисаи театри ба номи В.Маяковский Евгения Аргуновская барои офаридани образи зани мубориз Зайнабибӣ дар спектакли ҳамном, кинооператор Евгений Кузин барои эҷоди филми ҳуҷҷатии «Як каф хоки модарӣ», Зебо Аминзода барои кори шоистааш дар бобати тарғиби рақси миллии тоҷикӣ, Гулрухсор Сафиева барои китоби шеърҳои «Хонаи падар», Ҳаким Карим (баъди вафоташ)

барои китоби «Одам дар халта» сазовори ин ҷоизаи фахрии комсомол гардидаанд. Ин рӯйхатро бо номи адибону санъаткорони шоистаи тоҷик Ҷӯрабек Муродов, Гулназар Келдӣ, Мукаррама Камолова, Муҳиддин Хоҷаев, Дамир Дӯстмуҳаммадов, Майрам Исоева ва бисёр дигарон давом додан мумкин аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ мегӯянд: «Солҳо мегузарнд, наслҳо дигар мешаванд, ба ҷойи падарон фарзандон ба арсаи зиндагӣ ва минбари сиёсат меоянд. Вале номи неки онҳое, ки дар навиштани саҳифаҳои пурифтихори таърихи навтарини миллат заҳмат кашида, фидокориҳо кардаанд, дар хотираи миллати тоҷик абадан зинда мемонад» [7, с.47].

Имрӯз зарурати таърихие пеш омадааст, ки аз миёни наврасону ҷавонон лаёқатмандонро ҷустуҷӯ намоем, барои ташаккули ҳаматарафаи шахсияти онҳо шароит муҳайё гардонем, нерӯи созандаашонро ба фатҳи қуллаҳои нави илму техника ва фарҳанг ҳидоят созем. Дар амалӣ сохтани он таҷрибаю ғамхории ходими барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров мададгор хоҳад гашт.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Бобокалонова, Ҷ. Нури маърифат / Ҷ.Бобокалонова. – Душанбе: Матбуот, 2000. – 196 с.
2. Ғаффоров, У. Абдулаҳад Қаҳҳоров/У.Ғаффоров.-Душанбе, 2009.- 190 с.
3. Набиев,В.Бузургони миллат дар шоҳроҳи таърих / В.Набиев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 252 с.
4. Набиев, В. Фарҳанг ва ҷавонон / В.Набиев. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – 384 с.
5. Олами ҳунар. – 2004. – 27 феврал.
6. Раҳмонов, Суханронӣ ҳангоми парчамбардорӣ аз рӯи муҷассамаи Furobоҷон Ғафуров / Э.Раҳмонов // Тоҷикистон даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С.51-54.
7. Раҳмонов, Э. Суханронӣ ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон, 15 ноябри соли 2002 / Э.Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷ.5. – С.25-48.
8. Ҷӯраева, М. А. Саҳми Абдулаҳад Қаҳҳоров дар рушди шабакаҳои бойгонӣ дар Тоҷикистон / М. А. Ҷӯраева // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2022. – № 4(73). – P. 24-28. – DOI 10.51844/2077-4990-2022-4-24-28. – EDN HPTAVK.
9. Ҳақиқати Суғд. – 2013. – 9 апрел.
10. Шарифов, Х. Ахтарон /Х.Шарифов. – Душанбе: Шарқи озод, 2004. – 337 с.

**REFERENCES:**

1. Bobokalonova, J. Light of knowledge / J.Bobokalonova. – Dushanbe: Press, 2000. – 196 p.
2. Ghafforov, U. Abdulahad Kakhorov/U.Gafforov. - Dushanbe, 2009.-190 p.
3. Nabiyev, V. Great men of the nation on the highway of history / V.Nabiyev. – Khujand: Me`roj, 2014. – 252 p.
4. Nabiyev, V. Culture and youth / V.Nabiyev. – Khujand: Publisher, 2009. – 384 p.
5. The world of art. – 2004. – February 27.
6. Rahmonov,E. Speech at the flag raising on Bobojon Gafurov`s statue / E.Rahmonov // Tajikistan 10-years of independence, national unity and construction. – Dushanbe: Cognition, 2001. – P.51-54.
7. Rahmonov, E. Speech on the occasion of the 10th anniversary of the XVI session of the Supreme Council of Tajikistan Republic, November 15, 2002 / E.Rahmonov // Independence of Tajikistan and revival of the nation. – Dushanbe: Cognition, 2005. – Volume 5. – P. 25-48.
8. Juraeva, M. A. Abdulahad Kakhhorov`s contribution into the development of archival set in Tajikistan/ M. A.Juraeva// Scientific notes of Khujand State University named after academician B. Ghafurov, series of humanities and sociology. - 2022. - № 4(73). - P. 24-28.
9. The truth of Sughd. – 2013. – April 9.
10. Sharifov, Kh. Stars / Sharifov Kh. – Dushanbe: Free Orient, 2004. – 337 p.